**Хулосаи**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло соли 2012 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисод) - ро бо ихтисоси ташкилотчии фаъолияти гумрукӣ хатм намудааст.

Аз 3 юми ноябри соли 2025 то ҳол ба ҳайси муовини якуми директор оид ба илм, инноватсия ва омоданамоии кадрҳои илмии Муассисаи давлатии "Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ" - и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Ҳабибуллозода М.Ҳ. соли 2019 рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (иқтисодиёт, ташкил ва идораи корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо – соҳаи хизматрасонӣ) ҳимоя намудааст.

Ҳабибуллозода М.Ҳ. мавзуи рисолаи докториаш: «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» интихоб кард, ки дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) 28 – уми феврали 2020 сол, № 11/8.4 тасдиқ шудааст.

Моҳи майи соли 2023 ба унвони илмии дотсент мушарраф гардидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло худро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил, ботаҷриба ва фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи докторӣ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ, маводҳои методию илмӣ васеъ истифода намудааст. Бояд қайд кард, ки Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар доираи илми иқтисоди

тоҷик ҳамчун мутахассиси соҳаҳои хизматрасонӣ шинохта шудааст ва дар ҳамоишҳои илмии байналмилаливу ҷумҳуриявию дохилидонишгоҳӣ хеле зиёд баромад намудааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсияи доктории Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар он зоҳир меёбад, ки рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои суръат бахшидан ба инкишофи иқтисодии кишвар, болоравии талабот ба хизматрасониҳои рақамӣ, беҳтаргардии раванди идоракунии давлатӣ, болоравии дастрасии тамоми табақаҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ, рушди технологияи инноватсионӣ, авҷгирии рақобат ва пайгирии брендҳои глобалӣ усули анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро камаҳмият гардонида, таваҷҷӯҳро ба рақамикунонии он зиёд гардонида, аҳамияти бузург дорад. Бинобар ин, мақсади диссертатсия аз таҳияи муқаррароти назариявию методологӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин асоснок гардонидани самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқат мекунад: 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 20. Такмили механизми ҷойгиршавии шабакаҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 22. Рушди инфрасохтори савдо: савдои озмунӣ, фаъолияти ярмаркавӣ, савдои биржавӣ ва электронӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 38. Идоракунии ҷараёнҳои технологӣ дар субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ мувофиқат менамояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи низоми электронии хизматрасониҳои давлатӣ, омӯзиши равандҳои эҷоди шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин таҳлили таъсири он ба самаранокии татбиқи принсипҳои рушди устувор ва иқтисоди рақамӣ муосидат мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва инфрасохтори «Иқтисоди рақамӣ» васеъ истифода шаванд. Илова бар ин, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе пешниҳод шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ қобили истифодаанд. Муносибатҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва ҳангоми таҳияи принсипҳои дастгирии давлатии соҳаҳои хизматрасонӣ истифода гарданд.

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асоснокунии мубрамияти он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асоснокунии номгуйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба ташаккул ва рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва таъсири онҳо ба самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ саҳм гузоштааст.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 62 мақолаи илмӣ ва интишороти гуногун, аз ҷумла, 3 монография ва 21 мақола

дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ (назария, методология, амалия)» кори илмии таҳқиқотии мустақилона ва дар мавзуи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) тавсия мегардад.

**Мушовири илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи назарияи иқтисодии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Д.Б. Қодирзода**

Имзои д.и.и., профессор Д.Б. Қодирзодаро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Э.Ш. Шодихонзода**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992 37) 221 77 11

10.06.2025